# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ н.и.п., дотсент Азимова Н.С. ба диссертатсияи номзадии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) (илмҳои педагогӣ)**

Барои тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020–2040 – ро Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намуда, ҷиҳати амалисозии ин иқдом доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи “Илм – фурӯғи маърифат” қарор қабул кард. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, дар айни замон, олами педагогӣ дар ҷустуҷӯи мундариҷаи нави таълим мебошад.

Вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар хонандагон ангезиши ботинии омӯзишро бедор намояд, зеро он замина барои фаъолияти ҳадафмандонаи маърифатии онҳо ба шумор меравад.

Омӯзгор имрӯз бояд соҳиби таҳсилоти муосиртарин, сатҳи баланди инкишофи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ, дониши амиқ дар бораи мактаббачагон дошта бошад. Аз ӯ кордонии сатҳаш баланд, фаъолнокии иҷтимоӣ, муносибати созанда ва эҷодӣ ба меҳнати худ, маҳорати ҳамкорӣ бо хонандагон тақозо мешавад.

Майлу рағбат ба маърифат, кӯшиш барои такмили пайвастаро танҳо ҳамон омӯзгоре интиқол дода метавонад, ки худаш ин майлу кӯшишҳоро дорост, ба хонандагон бо эҳтиром муносибат карда,

мехоҳад, ки ба онҳо шавқмандии худ ба математика, имконияти бемаҳдуди он барои маърифати олами атрофро талқин кунад.

Ба андешаи муаллифи рисола, нақши муҳими маориф дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони имрӯза дарки нуқтаеро таъйин менамояд, ки ояндаи кишвар ба он вобаста аст, ки низоми миллии маориф то кадом андоза барои бунёди иқтидори зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди қобилияти аксарияти шаҳрвандон ва таъмини рифоҳи онҳо қодир мебошад.

Фаъолияти бомуваффақияти педагог оид ба ташаккули шавқи маърифатии мактаббачагон аз нуқтаи назари муаллифи диссертатсия, дар сурати мавҷудияти ақаллан се шарт имконпазир аст, ки бо дарк шудани нақшу аҳамияти шавқи маърифатӣ дар фаъолияти таълимӣ аз ҷониби омӯзгор, мавҷудияти донишҳои амиқи назариявӣ оид ба асосҳои физиологӣ ва психологию педагогии шавқи маърифатӣ, мавҷудияти сатҳи баланди маҳорати методӣ, ки маҷмӯи тадбирҳои амалиро оид ба ташаккули шавқи маърифатӣ дар бар мегирад, алоқаманд мебошад.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки омодагии омӯзгорон барои кор оид ба ташаккули шавқи маърифатии хонандагон, ки ба шартҳои зикршуда мувофиқ аст, дар раванди худомӯзӣ ва шаклҳои гуногуни коллективии такмили ихтисос наметавонад амалӣ гардад. Чунонки амалия нишон медиҳад, норасоиҳои таҳсилоти донишгоҳӣ дар ин самт аз ҷониби омӯзгорон дар раванди фаъолияти педагогӣ хеле кам барқарор мешаванд.

Аз рӯи таҳлили диссератсия, муаллиф **дараҷаи илмии навгонии таҳқиқотии** худро бо нишон додани коркарди назариявии раванди омодагии омӯзгорони оянда ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон, дақиқ намудани мафҳуми «шавқи маърифатӣ», муайян кардани сохтори омодагии донишҷӯ ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон дар шакли маҷмӯи ҷузъҳои томи бо ҳам алоқаманд, амсиласозии омодагии омӯзгори оянда ба инкишофи шавқи

маърифатии мактаббачагон, муқаррар кардани имконияти педагогӣ ва меъёрҳои ба омодагии донишҷӯён барои инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон мусоидаткунанда муқаррар намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки амалияи таҳсилоти педагогӣ бо дониши муосири илмии асосҳои назариявӣ–методологии омодагии донишҷӯён ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон ғанӣ гардонида шудааст; ҷузъҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур муназзам гардонида шудааст; амсилаи муайян кардани имконияти педагогии омодагии омӯзгорониояндаи математика ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тарҳрезӣ шудааст; барои мониторинги раванди мазкур воситаҳои меъёрӣ–ташхисӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маълумоте, ки дар рафти таҳқиқот оид ба амалисозии омодагии омӯзгорониояндаи математика ба даст омаданд, метавонанд дар донишгоҳҳо, аз ҷумла, педагогӣ, институтҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ҷиҳати фаъолияти самаранок оид ба баланд бардоштани сатҳи маҳорати педагогии омӯзгорони математика истифода шаванд, ҳамчунин омӯзгорон дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ метавонанд методикаи ташхиси шавқи маърифатии мактаббачагон ба математика ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи роҳбарии педагогии раванди мазкурро ба кор баранд.

Таҳлили мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки **саҳми муаллиф** дар гузориши проблемаи илмӣ, мақсад, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшаванда, коркарди асосҳои методологии таҳқиқот, ташкили таҳқиқоти эмпирикӣ, коркарди омории натиҷаҳои он калон аст. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои кор, адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, барнома ва китобҳои дарсии амалкунандаи фанни методҳои ададиро таҳлил намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, интишорот оид ба мавзӯи диссертатсия**. Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, он аз 2 боб, ки ҳар боб иборат аз 3 зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаро дар бар мегирад.

Диссертант Қаҳорова С.Х. дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад, вазифа, объект ва предмети он, марҳилаҳои озмоишии таҳқиқот, навгониҳои илмии он, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд ва саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро зикр намудааст.

**Боби аввал**, «Асосҳои психологӣ – педагогии рушди шавқи маърифатии мактаббачагон» номгӯ гардида, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб таҳлили психологӣ – педагогии масъалаи баррасишаванда гузаронида шудааст.

Диссертант дар боби мазкур қайд мекунад, ки таҳқиқи муаммоҳое, ки бо шавқу рағбати таълимгирандагон дар маводи илми психология ва педагогика таърихи худро дорад, ки дар ибтидо аз мушаххас гардонидани асосҳои психологие иборат буд, ки бо муайян намудани худи моҳияти мафҳуми «шавқ», имконият ва роҳҳои «тарбиятшавандагии» шавқу рағбати гуногун, механизмҳои физиологии шавқ ҳамчун мафҳуми психологӣ, инкишофи он дар заминаи робита ва таносуб бо нерӯҳои ботинии барангезандаи шахсият алоқаманд буд.

Муаллифи рисола таъкид мекунад, ки таҳлили маводи амалияи пешқадами педагогӣ аҳамияти методологии ҳақиқати педагогиеро ошкор менамояд, ки шавқро ҳамчун шарти муҳими дидактикии ташкили раванди таълим баррасӣ бояд кард. Ҳамчунин дар назар бояд дошт, ки раванди пайдоиши шавқ бевосита бо инкишофи диққат вобаста мебошад, зеро шавқмандиро мавҷудияти ҳаҷми кофии диққати таълимгиранда ба маводи иттилоотии омӯхташаванда ё фаъолияти

таълимӣ таъйин менамояд. Раванди пайдоиш ва ташаккули диққат бошад, дар навбати худ барои мушаххас гардидани воситаву усулҳои барои ташаккули шавқ коршоям мусоидат менамояд.

Ба андешаи диссертант дар ташаккули шавқ ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон хеле муҳим аст. Маълум аст, ки хонандагон бояд хоҳиши азхудкунии донишҳоро дошта бошанд, барои фарогирии онҳо меҳнат кунанд. Омӯзгор бояд майли хонандагонро ба азхудкунии иттилооти баёншаванда бедор карда, шавқу кӯшиши онҳо барои дарки донишҳо барангезад.

**Боби дувуми** диссертатсия "Имконияти педагогии омодагии омӯзгорони оянда математика ба рушди шавқи маърифатии хонандагон" инчунин аз се зербоб иборат буда, аз ҷониби муаллифи рисола қайд карда мешавад, ки яке аз ҷиҳатҳои мушкилтарин ва муҳимтарини фаъолияти омӯзгори математика дар шароити муосир кор оид ба ташаккул додани ангезиши устувори мусбат ба фаъолияти таълимӣ дар ҳар як хонанда мебошад. Ин аз омӯзгор алалхусус, маҳорати таъминоти ангезавии тамоми кори таълимӣ ва баёни мавзӯи барномаро тақозо менамояд.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, ба сифати поягоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" дар солҳои гуногун бо намудҳои мухталифи озмоиш ва кори таҷрибавию таҳқиқӣ гузаронида шудааст.

Дар хулосаи боби дувум муаллиф қайд мекунад, ки раванди томи фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ низоми ягонаи фарогири ҳам субъекти таълим, ҳам субъекти омӯзиш аст, ки объекти тадрис ва объекти омӯзишро фаро мегиранд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба ҳар як унсури мушаххаси низоми мазкур, ҳам ба тамоми ҷузъҳои боқимонда нигаронида шудаанд. Маҳз ҳамин азхудшавии ҳамаҷиҳата ва яклухти объект ва тамоми мундариҷаи маводи таълимро таъмин менамояд. Дар ин замина, шавқи маърифатӣ низ бояд тамоми ҷанбаҳои мундариҷаи

раванди тадрисро фаро гирад, зеро чунин дидгоҳ фарогирии ҳаматарафа ва томи иттилооти таълимӣ таъмин мегардад. Вобаста ба ин, се сатҳи зоҳиршавии шавқи маърифатӣ муайян карда шуд: баланд, миёна, паст.

Ба сатҳи баланди зоҳиршавии шавқи маърифатӣ фарогири том ва муназзами тамоми унсурҳои объекти шавқи маърифатӣ дар ҳамбастагии онҳо хос мебошад.

Ба сатҳи миёна қисман фарогирии объекти шавқи маърифатӣ хос мебошад, ки зимни он баррасии объект на дар шакли мафҳуми системавӣ, балки дар шакли маҷмӯи як қатор ҷузъҳо зоҳир мешавад. Робитаи мутақобили байни ҷузъҳо сарфи назар шуда, моҳияту ҷанбаи функсионалии объект баррасӣ намегардад.

Ба сатҳи паст бо назардошти нишондиҳандаҳои шавқи маърифатӣ фаро гирифтани танҳо баъзе унсурҳои алоҳида дар робитаи мутақобили онҳо хос мебошад, ки дар раванди азхудкунии фанни таълимӣ дар маҷмӯъ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар охир диссертант Қаҳорова С.Х. ба чунин хулосае меояд, ки ҷамъбасти натиҷаҳои омӯзиши назариявӣ ва таҷрибавии мушкилоти ташаккули шавқи маърифатӣ инҳоянд: мубрамӣ ва навгонии мундариҷаи маводи таълим; ошкорсозии аҳамияти донишҳо; аёният; эмотсионалӣ будан; муқоиса ва шабоҳат; таъсири таноқуз (парадокс), ҳайрат; истифодаи маводи таърихӣ; мубоҳисаҳои таълимӣ; бозиҳои маърифатӣ; истифодаи компютер.

Ҳамчунин, бо такя ба омӯзиши адабиёти психологиву педагогӣ ва дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта муаллифи диссертатсия ба хулосае расид, ки нишондиҳандаҳои мавҷудияти шавқи маърифатӣ дар хонандагон инҳоянд:

1. Пайвастшавии фаъолонаи хонандагон ба фаъолияти омӯзишӣ, ки дар басомади бардоштани дастҳои барои ҷавоб додан ба савол, баромадҳо дар дарс ва ғайра ифода меёбад.

2. Мустақилии хулосаҳо ва ҷамъбастҳо.

3. Зоҳир намудани хоҳиши худ барои таҳлил ва илова ба ҷавоби рафиқон.

4. Ихтиёрӣ баромад кардан бо маърӯзаҳо ва ҳалли масъалаҳои математикии душвор.

5. Хоҳиши фаҳмидан ва аз худ намудани моҳияти қонунияту қоидаҳои математикӣ ва татбиқи мустақилонаи математика дар амалияи зиндагии ҳаррӯза.

6. Мустақилона тайёр кардани амсилаҳо (модел) ва асбобҳои математикӣ дар утоқ ва хона.

7. Мустақилона аз худ намудани адабиёти илмӣ – методӣ дар китобхонаи мактаб ва хона.

8. Иштирок дар кори берунаазсинфӣ оид ба математика.

9. Хоҳиши истифода бурдани компютер дар ҳалли масъалаҳои математикӣ, ҳангоми сохтани графикҳо, муайян кардани қонунҳои математикӣ.

Самаранокии омодагии пешниҳодшудаи донишҷӯён барои амалӣ намудани раванди таълиму тарбия ва рушди шавқи маърифатии хонандагон дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ зоҳир гардид. Коре, ки донишҷӯён дар мактаб анҷом доданд, баланд шудани сатҳи рушди шавқи маърифатии мактаббачагонро нишон дод.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аз тарафи диссертант Қаҳорова С.Х. вобаста ба мавзӯъ ва қисматҳои асосӣ якчанд адад корҳои илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 5 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА воридгардида мебошад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккули шавқи маърифатии хонандагон дар омодагии кадрҳои омӯзгорӣ низ вазифаҳои навро пеш мегузорад. Тамоюли ҳамгироӣ дар раванди инкишофи илм ва талабот ба тарбия зарурати омода намудани омӯзгореро ба миён меорад, ки соҳиби доираи васеи

донишу маҳорат аст. Ин талабот бояд на танҳо ба омӯзгори алоҳида, балки ҳам ба коллективи педагогӣ дар маҷмӯъ нигаронида шаванд.

Ташаккул ва инкишофи шавқи маърифатии хонандагон шарт ва воситае барои муттаҳид намудани коллективи омӯзгорон буда, таҳқиқоти анҷомёфта фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ кардааст. Вазифаҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузошта пурра ҳал карда шуда, мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Хулосаҳои диссертатсия дуруст, асоснок буда, ба масъалаҳои гузошташуда мувофиқ мебошад. Мақсади таҳқиқот амалӣ гардидааст. Мундариҷаи автореферат ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд. Диссертатсия ва автореферат бо услуби оммафаҳм навишта шуда, матн бо расмҳо ба таври аёнӣ нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Қаҳорова С.Х. кори ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди таснифоти бисёр, диссертатсия норасоиҳоеро соҳиб аст, ки ислоҳи он бар нафъи беҳбудии кор мебошад.

1. Хуб мешуд, агар диссертант ба он мушкилотҳое, ки барои омӯзгорони мо бахри инкишофи шавқи маърифатӣ ҳамчун мавқеи ибтидоӣ ва ангезадиҳанда оид ба беҳтарсозии фаъолияти таълимӣ – маърифатии мактаббачагон муайян карда мешавад, аҳамияти зарурӣ медод.
2. Дар рисола иқтибосҳо аз мақолаҳои нашршудаи диссертант ва тадқиқотчиёни ватанӣ хеле кам ба назар мерасид;
3. Дар диссертатсия баъзе норасогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад мебошад;

Нуқтаҳои зикршуда танҳо пешниҳод барои беҳбудии кори илмӣ буда, арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсия ва автореферати унвонҷӯ Қаҳорова С.Х. ба талаботи «Низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ»-

и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои
риёзӣ ва табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Азимова Н.С.

*Имзои Азимова Н.С.-ро тасдиқ менамоям:*
*Сардори РК ва КМ – и Донишгоҳи давлатии*
*ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон* *Мирпоччоев И.Ҳ.*

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

30.05.2023